# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи тасдиқи Созишнома байни ҳукуматҳои давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Созишнома байни ҳукуматҳои давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, ки 12 сентябри соли 2014 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидааст, тасдиқ карда шавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида Котиботи Созмони ҳамкории Шанхайро дар бораи аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур заруранд, огоҳ намояд.

Раиси

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии

Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.Зуҳуров

ш.Душанбе, 21 январи соли 2015, № 1743

## Созишнома байни ҳукуматҳои давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ

Ҳукуматҳои давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (минбаъд Тарафҳо номида мешаванд),

бо кӯшиши таҳким бахшидан ҷиҳати боварии мутақобила, муносибати дӯстона ва ҳамкории баробарҳуқуқ байни давлатҳои онҳо,

мақсад ва принсипҳои Хартияи Созмони ҳамкории Шанхайро ба роҳбарӣ гирифта,

аҳамияти таъмини боэътимод ва самарабахши ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ ҷиҳати рушди равобити савдои хориҷии давлатҳои онҳоро эътироф намуда,

бо минбаъд такмил додани шароити ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии мусофирон ва борҳо дар асоси таҷрибаи мавҷуда ва шартномаҳои байналмилалии дахлдор, ба мувофиқаи зайл расиданд:

### Моддаи 1

Мақсад ва вазифаҳои асосии Созишномаи мазкур инҳо мебошанд:

а) фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ;

б) ҳамоҳангсозии кӯшишҳои Тарафҳо ҷиҳати рушди ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ;

в) осон ва ҳамоҳанг сохтани ҳуҷҷатгузорӣ, расмиёт ва талаботи Тарафҳо, вобаста ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ.

### Моддаи 2

Барои мақсадҳои Созишномаи мазкур:

1) "ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ" маънои ҳамлу нақли борҳо ё мусофиронро тавассути воситаҳои нақлиёти автомобилӣ бо убур намудани сарҳади ақаллан яке аз Тарафҳо, аз ҷумла ҳамлу нақл тавассути қаламрави онҳоро мефаҳмонад;

2) "интиқолдиҳанда" маънои шахси воқеӣ ё ҳуқуқиро дорад, ки дар қаламрави яке аз Тарафҳо ба қайд гирифта шуда, тибқи қонунгузории миллии давлати ин Тараф барои амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ роҳ дода шудааст;

3) "қонунгузории миллӣ" маънои маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро мефаҳмонад, ки дар қаламрави давлати Тараф амал мекунанд;

4) "ронанда" маънои шахси воқеиро дорад, ки аз ҷониби мақоми салоҳиятдор ба идора намудани воситаи нақлиёт роҳ дода шудааст;

5) "шаҳодатномаи ронандагӣ" маънои ҳуҷҷатеро дорад, ки аз ҷониби мақоми салоҳиятдори давлати Тараф дода шуда, ба ронанда барои идора кардани воситаи нақлиёт ҳуқуқ медиҳад;

6) "иҷозатнома" маънои ҳуҷҷатеро дорад, ки аз ҷониби мақоми салоҳиятдори давлати Тараф дода шуда, барои истифодабарии воситаи

нақлиёт дар қаламрави давлати ин Тараф ҳуқуқ медиҳад, ки дар қаламрави давлати Тарафи дигар барои иҷро намудани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ ба қайд гирифта шудааст;

7) "иҷозатномаи махсус" маънои иҷозати якдафъаина барои гузаштани воситаи нақлиёти интиқолдиҳандаи давлати як Тараф бо

бори вазнин, калонҳаҷм ва ё хатарнок тавассути қаламрави давлати Тараферо дорад, ки иҷозатномаи мазкурро тибқи қонунгузории миллӣ додааст;

8) "воситаи нақлиёт":

дар сурати ҳамлу нақли мусофирон - маънои автобус, яъне воситаи нақлиёти автомобилиро дорад, ки барои интиқоли мусофирон бо беш аз 9 ҷойи нишаст сохта ё пешбинӣ шудааст, аз ҷумла бо ҷойи нишасти ронанда, шояд бо ядак барои интиқоли бағоҷ ҳангоми ҳамлу нақл тавассути қаламрави давлатҳои он Тарафҳо, ки қонунгузории миллии онҳо истифодабарии чунин ядакҳоро манъ накардааст, мефаҳмонад;

дар сурати ҳамлу нақли борҳо - маънои воситаи нақлиёти автомобилиро дорад, ки барои интиқоли борҳо сохта ё пешбинӣ шудааст, аз ҷумла автомобили боркаш, автомобили боркаш бо ядак, автомобили кашанда ва автомобили кашанда бо нимядакро мефаҳмонад.

## Моддаи 3

1. Мутобиқи Созишномаи мазкур Тарафҳо ба ҳамдигар ҷиҳати амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ тавассути қаламрави давлати онҳо ба воситаҳои нақлиёте, ки дар қаламрави давлати Тарафи дигар ба қайд гирифта шудаанд, ҳуқуқ медиҳанд.

2. Интиқолдиҳандае, ки дар қаламрави давлати як Тараф ба қайд гирифта шудааст, ҳуқуқ надорад ҳамлу нақли борҳо ё мусофиронро бо воситаи нақлиёт байни нуқтаҳое, ки дар қаламрави давлати Тарафи дигар ҷойгир мебошанд, амалӣ созад.

## Моддаи 4

1. Ҳамлу нақли байналмилалш автомобилӣ дар асоси Созишномаи мазкур аз рӯи хатсайрҳо ва ба воситаи гузаргоҳҳо тавассути сарҳадҳои давлатӣ, ки дар Замимаи 1 муайян карда шудаанд, амалӣ мегарданд.

Гуфтаҳои боло, ба татбиқи муқаррароти шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ки Тарафҳо иштирокчии онҳо мебошанд, таъсир намерасонад, ки имконияти амалӣ шудани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилиро бе муайян намудани хатсайрҳо ва гузаргоҳҳо тавассути сарҳадҳои давлатӣ ё дигар хатсайрҳо ва гузаргоҳҳо тавассути сарҳадҳои давлатӣ пешбинӣ менамояд.

2. Масъалаи ворид намудани илова ва тағйирот ба хатсайрҳо ва/ё ба гузаргоҳҳо тавассути сарҳадҳои давлатӣ, дар доираи Комиссияи муштарак, ки тибқи моддаи 17 Созишномаи мазкур таъсис дода мешавад, пас аз мувофиқа намудани он бо Тарафҳое, ки тавассути қаламрави давлатҳои онҳо чунин хатсайрҳо мегузаранд ва/ё гузаргоҳҳо ҷойгир шудаанд, имконпазир аст баррасӣ гардад.

## Моддаи 5

Ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ дар асоси Созишномаи мазкур, дар асоси иҷозатномае, ки дар Замимаи 2 оварда шудааст, ба истиснои ҳолатҳои, агар бо шартномаи дуҷониба ё бисёрҷониба, ки Тарафҳо иштирокчии онҳо мебошанд, имконияти амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ бе иҷозатнома пешбинӣ шуда бошад, амалӣ мегардад.

## Моддаи 6

1. Сарбории ҳаҷм ва вазн, аз ҷумла сарбории тир ва дигар нишондиҳандаҳои воситаҳои нақлиёт, ки барои амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ истифода бурда мешаванд, бояд ба талаботи қонунгузории миллии давлати Тараф, ки тавассути қаламрави он ҳамлу нақли мазкур иҷро мешавад, мутобиқат намояд.

2. Дар сурате, ки агар ҳаҷм ё вазни воситаи нақлиёти бе бор ё бо бор ҳаракаткунанда, аз меъёрҳои дар қаламрави давлати Тарафи дигар муқарраршуда зиёд бошад, интиқолдиҳанда бояд аз мақомоти салоҳиятдори давлати Тарафи дигар тибқи қонунгузории миллӣ иҷозатномаи махсус гирад.

## Моддаи 7

1. Ҳангоми амалӣ намудани ҳамлу нақл дар асоси Созишномаи мазкур интиқолдиҳандагони давлати як Тараф дар қаламрави давлати Тарафи дигар мутақобилан аз ситонидани боҷҳои гумрукӣ, боҷҳо ва андозҳои воридот, озод карда мешаванд:

1.1 сӯзишворӣ, ки аз тарафи заводи истеҳсолкунанда барои ҳар як тамғаи воситаи нақлиёти автомобилӣ дар ғунҷоиши ба таври технологӣ ва сохт бо системаи қувваи муҳаррик вобастабуда мавҷуданд, пешбинӣ шудааст, инчунин сӯзишворие, ки дар ғунҷоиши аз тарафи заводи истеҳсолкунанда муқаррарнамуда дар ядак ва нимядакҳо мавҷуд буда, барои кори дастгоҳҳои гармкунанда ва хунуккунандаи ин воситаҳои нақлиёт пешбинӣ шудаанд;

1.2 маводи молиданӣ ба миқдоре, ки барои истифодабарии воситаи нақлиёти автомобилӣ ҳангоми ҳамлу нақл зарур мебошад;

1.3 қисмҳои эҳтиётӣ ва асбобҳо барои таъмири воситаи нақлиёт, ки ҳамлу нақли байналмилалӣ амалӣ намуда, дар роҳ вайрон шудааст, пешбинӣ мегардад.

2. Қисмҳои эҳтиётӣ ва асбобҳои истифоданашудаи дар банди

1.3 моддаи мазкур зикршуда бояд бароварда шаванд. Қисмҳои эҳтиётии ивазшуда бояд баровarda шаванд ё зери реҷаи/расмиёти нобудсозии гумрукӣ ё дигар реҷаи/расмиёти гумрукӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории гумрукии давлати Тараф, ки дар қаламрави он тағйир додани реҷаи/расмиёти гумрукӣ нисбат ба ин қисмҳои эҳтиётӣ ба вуҷуд меояд, қарор дода шаванд.

## Моддаи 8

1. Интиқолдиҳандагони давлатҳои Тарафҳо ҳангоми амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ дар доираи Созишномаи мазкур дар асоси мутақобила аз пардохти боҷҳо ва дигар пардохтҳо вобаста ба соҳиб будан ё истифодабарии воситаҳои нақлиёт, инчунин истифодабарӣ ва нигоҳдории роҳҳои автомобилии давлати Тарафи дигар озод карда мешаванд.

2. Озодкунии мазкур ба боҷҳо ва пардохтҳо барои истифодабарии роҳҳо, пулҳо ва нақбҳои пулакӣ, ки дар асоси умумӣ ситонида мешавад, дахл надорад.

## Моддаи 9

Ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ дар асоси Созишномаи мазкур бо мавҷуд будани шаҳодатномаи амалкунанда оид ба суғуртаи масъулияти граждании соҳибони воситаҳои нақлиёт барои зараре, ки ба ашхоси сеюм дар қаламрави давлати Тарафе, ки ҳамлу нақли мазкур иҷро мешавад, расонидаанд, амалӣ мегардад.

## Моддаи 10

1. Ронандаи воситаи нақлиёт бояд шаҳодатномаи ронандагӣ, ки аз тарафи мақоми салоҳиятдори давлати Тарафи худ дода шуда, нисбат ба категорияе, ки барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилии воситаи нақлиёт истифода мебарад, амалкунанда мебошад, инчунин ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ ба воситаи нақлиёти мазкурро дошта бошад. Ҳуҷҷатҳои мазкур бояд бо тарҷума ба забонҳои чинӣ ва/ё русӣ тасдиқ карда шаванд.

2. Воситаи нақлиёти барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ истифодашаванда бояд аломати (рақами) бақайдгирӣ ва аломати махсуси давлате, ки он ба қайд гирифта шудааст, дошта бошад.

3. Ядаку нимядакҳо метавонанд аломатҳои бақайдгирӣ ва махсуси дигар давлатҳоро дошта бошанд, ба шарти, агар автомобилҳои боркаш, автомобилҳои кашанда ва автобусҳо (агар қонунгузории миллии давлати Тараф, ки аз қаламрави он ҳамлу нақл амалӣ мешавад, истифодабарии автобусҳоро бо ядакҳо барои бағоҷ манъ накарда бошад) аломатҳои бақайдгирӣ ва махсуси давлати яке аз Тарафҳоро дошта бошад.

4. Ҳар як Тараф шаҳодатномаи ронандагӣ, ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ ба воситаи нақлиёт ва аломатҳои бақайдгирии амалкунандаро, ки аз тарафи мақомоти салоҳиятдори Тарафҳои дигар дода шудаанд, эътироф менамояд.

## Моддаи 11

Иҷозатнома ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки тибқи муқаррароти Созишномаи мазкур талаб карда мешаванд, бояд ронандаи воситаи нақлиёт дошта бошад ва бо дархости мақомоти салоҳиятдори назоратии Тарафҳо пешниҳод карда шаванд.

## Моддаи 12

Интиқолдиҳандагон ва ронандагони воситаҳои нақлиёт, ки ҳамлу нақли байналмилалии автомобилиро иҷро мекунанд, бояд муқаррароти Созишномаи мазкур, риояи қатъии қоидаҳои ҳаракат дар роҳи (инчунин қонунгузории миллӣ, аз ҷумла қоидаҳои ҳаракат дар роҳи) давлати Тарафро, ки дар қаламрави он воситаи нақлиёт қарор дорад, риоя намоянд. Дар сурати қонунвайронкунӣ, масъулият тибқи қонунгузории миллии давлати Тарафе, ки дар қаламрави он содир шудааст, фаро мерасад.

## Моддаи 13

1. Ҳамлу нақли борҳои хатарнок тибқи шартномаҳои байналмилалӣ, ки Тарафҳо иштирокчии онҳо мебошанд, инчунин қонунгузории миллии давлати Тараф, ки дар қаламрави он ҳамлу нақли мазкур иҷро мешаванд, амалӣ мегардад.

2. Дар сурати, агар барои амалӣ намудани ҳамлу нақли борҳои хатарнок тибқи шартномаҳои байналмилалӣ ё қонунгузории миллии давлатҳои Тарафҳо мавҷуд будани иҷозатномаи махсус талаб карда шавад, интиқолдиҳандаи давлати як Тараф бояд аз мақоми салоҳиятдори Тарафи дигар то оғози амалӣ гардидани ҳамлу нақл онро гирад.

3. Мақомоти салоҳиятдори давлатҳои Тарафҳо бо номгӯи борҳои хатарнок ва иттилоот оид ба шартҳои ҳамлу нақли онҳо тибқи қонунгузории миллии давлатҳои худ дар дойраи Комиссияи муштарак табодул менамоянд.

## Моддаи 14

1. Тарафҳо ҷиҳати осон гардонидани расмиёт дар масоили додани раводид, назорати сарҳадӣ, гумрукӣ, нақлиётӣ, фитосанитарӣ ва байторӣ ҳангоми амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ кӯшиш менамоянд.

Чораҳои мушаххас оид ба осон гардонидани расмиёт, дар замимаҳо ва/ё протоколҳо ба Созишномаи мазкур пешбинӣ карда мешаванд.

2. Дар доираи Комиссияи муштарак Тарафҳо оид ба такмил додани шароит ҷиҳати ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ тавассути ҳамоҳангсозӣ ва содда намудани ҳуҷҷатгузорӣ, расмиёт ва талабот, ки ба ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ алоқаманд мебошанд, чораҳо меандешанд.

3. Тарафҳо ҷиҳати ҳамроҳ шудан ба конвенсияҳои байналмилалӣ, ки ба фароҳам овардани шароит барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ равона шудаанд, инчунин дар татбиқи конвенсияҳои зикршуда ба ҳамдигар мусоидат менамоянд.

## Моддаи 15

1. Тарафҳо ҷиҳати дарёфти имконот барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ ҷиҳати рушди роҳҳои нақлиётии автомобилӣ, ки қаламравҳои давлатҳои Тарафҳоро пайваст менамоянд, чораҳои зарурӣ меандешанд.

2. Тарафҳо дар таҳия ва татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои муштарак ҷиҳати рушди инфрасохтори роҳҳои нақлиётии автомобилӣ, ки қаламравҳои давлатҳои Тарафҳоро пайваст менамоянд, иштирок менамоянд.

## Моддаи 16

Мақомоти салоҳиятдори давлатҳои Тарафҳо оид ба қонунгузории амалкунанда ва тағйирот ба он, инчунин оид ба иттилооти дигар дар соҳаи ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, аз ҷумла дар доираи Комиссияи муштарак табодули иттилоот менамоянд.

## Моддаи 17

1. Тарафҳо дар мӯҳлати шаш моҳ аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур, Комиссияи муштаракро оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ таъсис медиҳанд.

2. Вазифаҳо, доираи фаъолият, ӯҳдадориҳо, ҳайат ва дигар масоили вобаста ба фаъолияти Комиссияи муштарак, дар Замимаи 3 муайян карда мешаванд.

## Моддаи 18

1. Замимаҳое, ки дар Созишномаи мазкур зикр шудаанд, қисми ҷудонашавандаи Созишномаи мазкур маҳсуб меёбанд.

2. Замимаҳое, ки дар Созишномаи мазкур зикр шудаанд, дар баробари Созишномаи мазкур эътибор пайдо мекунанд.

## Моддаи 19

Масъалаҳое, ки дар Созишномаи мазкур ва Замимаҳои он ба танзим дароварда нашудаанд, тибқи қонунгузории миллии давлати Тараф, ки дар қаламрави он ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ амалӣ мегардад ва бо шартномаҳои байналмилалӣ, ки Тарафҳо иштирокчии онҳо мебошанд, ҳал карда мешаванд.

## Моддаи 20

1. Созишномаи мазкур ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳои Тарафҳо, ки аз дигар шартномаҳои байналмилалӣ бармеоянд, ки иштирокчии онҳо мебошанд, дахолат намекунад.

2. Шароити мусоидтар барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, ки бо шартномаҳои байналмилалии дуҷониба ва бисёрҷониба байни Тарафҳо пешбинӣ шудаанд, эътибори худро нигоҳ медоранд.

## Моддаи 21

Созишномаи мазкур ба мӯҳлати номуайян баста мешавад ва пас аз гузаштанн 30 рӯзи гирифтани огоҳиномаи хаттии охирин дар бораи иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатӣ, ки барои эътибор пайдо кардани Созишнома зарур мебошад, эътибор пайдо мекунад.

## Моддаи 22

Ҳар як Тараф метавонад бо роҳи ба маҳфуздоранда фиристодани огоҳиномаи хаттӣ оид ба нияти баромадан аз Созишнома, дар муддати на камтар аз шаш моҳ то санаи баромадан, аз Созишномаи мазкур бароянд.

## Моддаи 23

1. Пас аз эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур, он барои ҳамроҳшавии давлатҳое, ки хоҳипш ба он ҳамроҳ шуданро доранд, кушода мебошад.

2. Барои давлати ҳамроҳшаванда, ки узви СҲШ шудааст, Созишномаи мазкур пас аз 30 рӯзи гирифтани ҳуҷҷатҳои ҳамроҳшавӣ аз ҷониби маҳфуздоранда, эътибор пайдо мекунад.

Барои давлати ҳамроҳшаванда, ки узви СҲШ намебошад, Созишномаи мазкур пас аз 30 рӯзи гирифтани ҳуҷҷатҳои ҳамроҳшавӣ аз ҷониби маҳфуздоранда, ки пас аз гирифтани огоҳиномаи хаттии охирини давлатҳои аъзои СҲШ дар бораи розигӣ ба чунин ҳамроҳшавӣ фиристода мешавад, эътибор пайдо мекунад.

## Моддаи 24

Бо розигии Тарафҳо ба Созишномаи мазкур тағйиру иловаҳоро ворид кардан мумкин аст, ки бо протоколҳои алоҳида ба расмият дароварда шуда, қисми ҷудонашавандаи Созишномаи мазкур маҳсуб меёбанд.

## Моддаи 25

Нисбат ба ягон муқаррароти Созишномаи мазкур, Замима ва Протоколҳои он тавзеҳот иҷозат дода намешавад.

## Моддаи 26

Баҳсҳо байни Тарафҳо вобаста ба тафсир ё татбиқи Созишномаи мазкур бо роҳи гуфтушунид ва машваратҳо ҳал карда мешаванд.

## Моддаи 27

Маҳфуздорандаи Созишномаи мазкур Котиботи Созмони ҳамкории Шанхай мебошад, ки ба Тарафҳо нусхаҳои тасдиқшудаи онро мефиристад. Дар шаҳри " " соли 20 дар як нусхаи асл ба забонҳои русӣ ва чинӣ таҳия гардида, ҳар ду матн дорои эътибори яхкела мебошанд.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Хитой Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон Аз ҷониби Ҳукумати Федератсияи Россия Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Замимаи №1

ба Созишнома байни ҳукуматҳои

давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай

оид ба фароҳам овардани шароити мусоид

барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ

## Хатсайрҳо ва гузаргоҳҳо тавассути сарҳадҳои давлатӣ барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ

## Банди 1

Дар доираи Созишномаи мазкур ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ аз рӯи хатсайрҳо ва тавассути гузаргоҳҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

1. Барнаул - Веселоярск (Россия) /Ауил (Қазоқистон) - СемейБахти (Қазоқистон) / Бахту (Хитой)Тачэн - Куйтун-Урумчӣ Ифтитоҳи хатсайри мазкур на дертар аз соли 2020.

2. Санкт-Петербург-Оренбург-Сагарчин (Россия) / Жайсан (Қазоқистон) - Алмаато - Коргас (Қазоқистон) / Хоргос (Хитой)Урумчӣ - Лянюнган Ифтитоҳи хатсайри мазкур на дертар аз соли 2020.

3. Урумчӣ - Қашғар - Қаросу (Китай) / Кулма (Тоҷикистон)Мурғоб - Хоруғ - Душанбе (Ваҳдат) Ифтитоҳи қитъаи Хоруғ-Душанбе (Ваҳдат) на дертар аз соли 2018.

4. Урумчӣ - Хоргос (Хитой) / Коргас (Қазоқистон) - АлмаатоТароз - Шимкент - Конисбаева (Қазоқистон) /Яллама (Ӯзбекистон) Ифтитоҳи хатсайри мазкур на дертар аз соли 2020.

5. Кант - АПП "Ак-Тылек" (Ҷумҳурии Қирғизистон) / Қаросу (Ҷумҳурии Қазоқистон) - Тараз - ШимкентҚизилорда- Актобе- Жайсан (Ҷумҳурии Қазоқистон) / Сагарчин (Федератсияи Россия) - ОренбургСанкт-Петербург.

Ифтитоҳи хатсайри мазкур на дертар аз соли 2020 пешбинӣ мешавад.

6. Ат-Башы - Торугарт (Ҷумҳурии Қирғизистон) / Туругарт (Ҷумҳурии Халқии Хитой) - Қошғар - Урумчӣ - Ляньюньан.

Ифтитоҳи хатсайри мазкур на дертар аз соли 2020 пешбинӣ мешавад.

## Банди 2

Ҳар як Тараф метавонад муваққатан пурра ё қисман истифодабарии хатсайрҳо ва/ё гузаргоҳҳоро тавассути сарҳадҳои давлатӣ боздорад, ки дар сурати ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулодда дар қаламрави давлати ин Тараф, ки ба амнияти миллӣ ё нақлиётии он дахл дорад, бо Замимаи мазкур пешбинӣ мегардад. Ин Тараф дигар Тарафҳо ва Комиссияи муштаракро дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарини имконпазир оид ба чунин боздоштан огоҳ месозад ва дарҳол пас аз мӯътадил гардидани вазъият, боздоштанро бекор менамояд.

Замимаи № 2

ба Созишнома байни ҳукуматҳои

давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай

оид ба фароҳам овардани шароити мусоид

барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ

# Иҷозатнома барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ

## Банди 1

Дар доираи Созишномаи мазкур Тарафҳо иҷозатномаи намунаи замимашударо барои амалӣ намудани интиқоли борҳо аз рӯи хатсайрҳои мувофиқашуда, ки дар Замимаи 2 муайян шудаанд, эътироф мекунанд. Иҷозатномаи мазкур дар муддати як соли тақвимӣ барои иҷрои як сафари рафтуомад амал мекунад.

Тарафҳо Комиссия муштаракро ваколатдор менамоянд, ки ба намунаи зикршудаи иҷозатнома тағйирот ворид созад, инчунин намунаҳои иҷозатномаҳоро барои намудҳои дигари ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ таҳия ва тасдиқ намояд.

## Банди 2

Андозаи иҷозатномаҳо дар доираи Комиссияи муштарак муайян карда мешавад.

## Банди 3

Тарафҳо Комиссия муштаракро барои тайёр кардани варақаҳои иҷозатномаҳо ва супоридани онҳо ба Тарафҳо тибқи андозаҳои муайяншуда, ваколатдор менамоянд.

## Банди 4

Ҳар як Тараф мақоми миллиро оид ба додани иҷозатномаҳо муайян менамояд ва дар ин хусус Комиссия муштарак ва Тарафҳои дигарро огоҳ месозад.

## Банди 5

Ҳар як Тараф тавассути мақоми ваколатдори миллӣ оид ба додани иҷозатномаҳо ба интиқолдиҳандагон, ки дар қаламрави он давлат ба қайд гирифта шудаанд, тибқи муқаррароти Созишнома ва қонунгузории дохилӣ иҷозатнома медиҳад.

## Банди 6

Иҷозатнома комилан ва бе ворид намудани ислоҳ пур карда мешавад. Иттилоот оид ба интиқоли баргаштан ба иҷозатнома пас аз интиқоли баргаштан ворид карда мешавад. Банди 7

Иҷозатномаҳо бояд дар доираи як соли тақвимӣ, ки дар иҷозатнома нишон дода шудааст, истифода бурда шавад ва то баргаштани воситаи нақлиёт ба қаламрави давлати Тараф, ки иҷозатномаро додааст, вале дар ҳар сурат на дертар аз 31 январи соли минбаъда амал мекунад.

## Банди 8

Иҷозатномаро танҳо интиқолдиҳанда истифода бурда метавонад, ки номи ӯ дар иҷозатнома зикр шудааст ва он ба шахси сеюм дода намешавад.

## Банди 9

Дар сурати истифода намудани иҷозатномаи қалбакӣ ё додани иҷозатнома ба шахси сеюм, мақоми назоратии чунин далелро ошкорнамуда дарҳол иҷозатномаи қалбакӣ ё ба шахси сеюм додашударо мусодира менамояд ва онро ба мақоми миллӣ оид ба додани игҷозатномаҳои давлати худ ирсол менамояд. Агар охирин мақоми дар иҷозатномаи мусодиршуда зикрнашуда бошад, иҷозатномаи мазкурро ба мақоме, ки номи он дар иҷозатнома нишон дода шудааст, месупорад.

## Банди 10

Дар сурати гум кардани иҷозатнома, интиқблдиҳанда дар мӯҳлати кӯтоҳтарини имконпазир оид ба ин мақоми миллӣ оид ба додани иҷозатномаҳои давлати худро огоҳ месозад.

Мақоми миллӣ, ки аз интиқолдиҳанда иттилоотро оид ба гум шудани иҷозатнома гирифтааст, дарҳол оид ба чунин гум кардан Комиссияи муштарак, инчунин дигар мақомоти миллиро оид ба додани иҷозатномаҳо бо нишон додани рақами иҷозатномаи гумшуда огоҳ месозад.

## Банди 11

Варақаи иҷозатнома бо забони (забонҳои) расмии Созмони ҳамкории Шанхай пур карда мешавад, ки дар қаламрави давлатҳои убуркунандаи хатсайр мавриди истифода қарор дорад.

***Дастур ба завоти хитой оварда намешавад.**

Замимаи № 3

ба Созишнома байни ҳукуматҳои

давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай

оид ба фароҳам овардани шароити мусоид

барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ

# Доираи амали Комиссияи муштарак оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ

## Банди 1

Вазифаи асосии Комиссияи муштарак оид фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ (минбаъдКомиссияи муштарак) мониторинги иҷро намудани Созишнома ва таъмини татбиқи самарабахши он мебошад.

## Банди 2

Комиссияи муштарак вазифа ва ӯҳдадориҳои зеринро иҷро менамояд:

1) мониторинг ва ҳамоҳангсозии фаъолияти Тарафҳо ҷиҳати татбиқи мувофиқашуда ва мунтазами муқаррароти Созишнома ва ҳалли масоиле, ки дар ҷараёни татбиқи Созишнома ба вуҷуд меоянд;

2) баррасии иловаҳо ва/ё тағйирот вобаста ба хатсайрҳо ва/ё гузаргоҳҳо тавассути сарҳадҳои давлатӣ, ки ба Созишнома ҷиҳати тасдиқи минбаъдаи Созишнома дахл доранд;

3) муҳокима ва қабули қарор оид ба масоили вобаста ба иҷозатномаҳо барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, аз ҷумла: Андозаи иҷозатномаҳо ва усулҳои муайян намудани онҳо;

Тағйир додани мӯҳтаво, шакл, усули тайёр кардан, тавсеа ва қоидаҳои истифода намудани иҷозатномаҳо;

4) таҳлили амалияи истифода намудани иҷозатномаҳо ва омода намудани ҳисобот дар бораи фаъолияти низоми иҷозатномадиҳӣ;

5) мусоидат намудан ба мақомоти салоҳиятдори Тарафҳо дар табодули иттилоот оид ба қонунгузории амалкунанда ва қоидаҳои давлатҳо, вобаста ба ҳамлу нақли байналмилалии

автомобилӣ, ворид намудани тағйирот ба онҳо, инчунин иттилооти дигар;

6) табодули номгӯи борҳои хатарнок ва иттилоот оид ба шартҳои интиқоли онҳо тибқи қонунгузории миллӣ;

7) таҳияи пешниҳодот оид ба беҳтар намудани шароити амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ;

8) мусоидати дучониба ҷиҳати ҳамроҳ шудан ба конвенсияҳои байналмилалӣ, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамлу нақли байналмилалии автомобилӣ, инчунин татбиқи конвенсияҳои зикрёфта, равона шудаанд;

9) баррасӣ намудани пешниҳодҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки инвеститсионӣ, ки ба рушди роҳҳои нақлиёти автомобилӣ равона шудаанд, ки қаламрави давлатҳои Тарафҳоро пайваст менамоянд;

10) муҳокимаи дигар масъалаҳо, ки ба Созишнома дахл доранд.

## Банди 3

Комиссияи муштарак аз як намоянда ва як муовин аз ҳар як Тараф иборат мебошад.

## Банди 4

Раисӣ дар Комиссияи муштарак ҳар сол аз як Тараф ба Тарафи дигар аз рӯи тартиби алифбои русӣ мегузарад.

## Банди 5

Дар ҷаласаҳои Комиссияи муштарак намояндагони миллӣ ва/ё муовинони онҳо, намояндагони дигар идораҳои дахлдори давлатҳои Тарафҳо, ки аз ҷониби намояндагони миллӣ бо дарназардошти рӯзномаи ҷаласа даъват шудаанд, Котиботи СҲШ, инчунин намояндагони ташкилоти дахлдори байналмилалӣ, ки аз ҷониби раиси Комиссияи муштарак дар мувофиқа бо аъзои Комиссияи муштарак даъват карда шудаанд, иштирок менамоянд.

## Банди 6

Қарорҳо дар ҷаласаҳои Комиссияи муштарак дар асоси консенсус дар шакли протоколҳои маҷлисҳо қабул мешаванд. Нусхаҳои аслии протоколҳои ҷаласаҳоро маҳфуздорандаи Созишнома нигоҳ медорад.

## Банди 7

Ҷаласаи Комиссияи муштарак як маротиба дар як сол баргузор мегардад. Бо ташаббуси яке аз Тарафҳо ва бо розигии дигар Тарафҳо ҷаласаҳои ғайринавбатӣ гузаронида мешаванд.

## Банди 8

Ҷаласаҳои мунтазами ҳарсола, ҳамчун қоида, дар қаламрави давлати Тарафе, ки раиси Комиссияи муштарак мебошад, гузаронида мешаванд. Вақт ва ҷойи гузаронидани ҷаласаҳои ғайринавбатӣ аз рӯи аҳду паймони пешакӣ муайян карда мешавад.

## Банди 9

Ҷаласаҳои Комиссияи муштарак бо забонҳои расмии Созмони ҳамкории Шанхай гузаронида мешаванд.